**Маросими супоридани китобҳо дар бораи Ҷопон дар чаҳорчӯби лоиҳаи «READ JAPAN PROJECT 2025»**

16 июни соли 2026 дар Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон (ДСРТ) маросими супоридани 75 китоб ба забони англисӣ, ки ба таърих, сиёсат, иқтисод ва фарҳанги Ҷопон бахшида шудаанд, баргузор гардид. Ин китобҳо ҳамчун туҳфа ба ДСРТ дар чаҳорчӯби лоиҳаи «READ JAPAN PROJECT 2025», ки аз ҷониби фонди «The Tokyo Foundation» бо дастгирии молиявии «The Nippon Foundation» ташкил карда шудааст, тақдим гардиданд.

Дар маросиме, ки онро муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии ДСРТ муҳтарам Бахтовар Қудратуллозода ифтитоҳ намуд, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум ФУРУТА Кэйко иштирок кард. Хонум Сафир бо сухани табрикотӣ баромад намуда, ба муовини ректор сертификати хотиравиро аз ҷониби ташкилоти донорӣ — «The Nippon Foundation» супорид.

Хонум ФУРУТА изҳори умедворӣ намуд, ки китобҳои тақдимшуда ба донишҷӯён ва муҳаққиқони ДСРТ ҷиҳати амиқтар намудани донишҳои худ дар бораи Ҷопон кӯмак хоҳанд кард ва худи донишҷӯён дар оянда ба мутахассисони калидие табдил меёбанд, ки ба рушди мубодилаи дуҷонибаи байни ҳарду кишвар мусоидат мекунанд.

Аз ҷониби худ, муҳтарам Қудратуллозода барои чунин туҳфаи арзишманд ва муфид ба омӯзгорон ва донишҷӯёни ДСРТ миннатдории амиқ изҳор намуда, инчунин бахри таҳкими минбаъдаи муносибатҳои ҳамкорӣ бо Ҷопон дар соҳаҳои маориф ва фарҳанг умедворӣ намуд.





Дар маросим инчунин декани факултаи забонҳои хориҷӣ хонум Лайло Саидова, мутахассиси робитаҳои байналмилалӣ хонум Шаҳноза Шарипова ва волонтёри калони JICA (омӯзгори забони ҷопонӣ) хонум ВАДА Кинуё иштирок доштанд.

